**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Наҳв яке аз бахшҳои мураккабтарини грамматикаи ҳар як забон маҳсуб ёфта, аз забоншиносон ва олимон тақозо мекунад, ки ба шарҳу эзоҳи он дар амалия таваҷҷӯҳи беандоза дошта бошанд. Ҳар як бахши забоншиносӣ воҳидҳои мустақили худро доро буда, наҳв низ дар ин радиф яктараф нест. Калима, ибора, ҷумла ва матн воҳидҳои асосии наҳв ба шумор мераванд. Наҳв сохту таркиби ин воҳидҳо, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои онҳо, воситаҳои грамматикии алоқаи байни ҷузъҳо ва инчунин хелҳои ибораву ҷумларо меомӯзад.

Омӯзишу пажӯҳиши воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносиии муқоисавӣ–таърихӣ, типологӣ ва муқобалаӣ ба шумор рафта, ба таҳқиқи комил ниёз дорад, зеро ин масъала дар сарчашмаҳои мавҷуда ба таври мукаммал шарҳи худро наёфтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 165 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва зарурияти таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии пажӯҳиш, усулҳои таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот пурра дарҷ ёфтаанд.

Боби нахуст аз шарҳи мафҳумҳои «ибора» ва «ҷумла», «воситаи алоқа» дар забоншиносӣ оғоз гардида, муаллифи диссертатсия ҳар яки онҳоро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, фикри андешаҳои худро низ баён намудааст.

Муаллифи диссертатсия дар фасли нахсути боби якум мафҳуми «ибора»-ро хеле муфассал шарҳ дода, мавқеи онро дар қиёс бо дигарҳои воҳидҳои наҳвии забон баён мекунад. Пасон, ба шарҳи воҳиди аз ибора калонтари забон – ҷумла даст зада, нақши воситаҳои алоқаро маҳз дар созмони ин ду воҳид мушаххас менамояд. Хурсандиовар аст, ки муаллиф таҳқиқро бар маводи асарҳои аслзабон ба роҳ монда, шабоҳату тавофути воситаҳои алоқаро илман муайян сохта, онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия «Алоқаҳои пайваст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» муаллифи диссертатсия навъҳои аллоқаи пайвастро дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор медиҳад. Дар хусуси шабоҳату фарқияти корбурди баъзе аз пайвандакҳо, ки дар созмони ҷумла ҳамчун воситаи маъмули алоқа хизмат мекунанд, андешаи муаллифи диссертатсия чунин аст: «пайвандакҳои ***«and»***–и забони англисӣ ва ***«ва»***-и забони тоҷикӣ ба ҳам мувофиқат мекунанд, ки мисолҳои зерин аз он шаҳодат медиҳанд: *Chairman **and** his companions got*

*out of the car. – Раис **ва** ҳамнишинонаш аз мошин фаромаданд. (Председатель и его спутники вышли из машины). After reaching the right place **and** when the girls took the water, they talked about their dreams. – Баъди ба ҷойи даркорӣ расидан **ва** об гирифтани духтарон орзуҳо гуфта шуданд. (После достижения нужного места и, когда девушки набрали воды, они говорили о своих мечтах)»* (саҳ.9-10).

Дар фасли сеюми диссертатсия, ки «Алоқаи тобеъ дар забонҳои муқоисашаванда» унвон дорад, роҳҳои корбурди воситаҳои дигари алоқа: вобастагӣ, мувофиқат, изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ, ҳамроҳӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешояндии ҷуфт, пешояндию пасояндӣ, артиклӣ, интонатсия таҳқиқ мегарданд.

Маҳз дар ҳамин боб муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба нақши пешоянду пасоянд ҳамчун воситаи воситаҳои алоқа дар забонҳои муқоисашаванда баён мекунад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия алоқаи ҳамроҳӣ яке дар забони англисӣ хеле маъмул мебошад. Дар ин ҳолат як калима ба калимаи дигар на ба воситаҳои сарфӣ, балки аз рӯйи мавқеи ишғолкардаашон ва алоқаи семантикии калимаҳои иборасоз ифода карда мешавад (саҳ. 15).

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаву натиҷагириҳои мушаххаси муаллиф ҷамъбаст шудаанд. Дар хулосаи диссертатсия бошад, муаллиф фикру андешаҳои худро дар панҷ нукта баён намудааст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар камбудиву норасиҳо ба чашм мерасанд, ба монанди:

1. Агар муаллифи диссертатсия он сарчашмаҳои илмие, ки дар афтореферат зикрашон рафтааст, дар поварақи саҳифа ҷой медод хеле хуб мебуд, чунки на ба ҳама рисола дастрас аст.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои афтореферат (4, 6, 8, 9, 11) ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чаш мерсанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.–

Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардида, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 –уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дониста шавад.

Сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти
Институти забон ва адабиёт ба номи
Абуабдулло Рӯдакии АИ ҶТ,
доктори илми филология Раҳмонова Наргис Шарифовна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: 227-11-70
E-maill: nargisbonu66@ail.ru

Имзои Раҳмонова Наргис Шарифовнаро
тасдиқ мекунам.
Нозири калони кадри Институти забон ва адабиёт ба номи
Абуабдулло Рӯдакии АИ ҶТ Ҳафизов Сайҷалол

МӮҲРИ КАДР

27. 01. 2020